# НИДОИ АЛЛОҲ БАР ИНСОНИЯТ

**(НАШРИ АВВАЛ)**

**Китобхонаи Мероси Абуҳанифа**

| | |
|---|---|
| **Унвони китоб:** | Нидои Аллоҳ бар инсоният |
| **Мавзӯъ:** | Ақида, Тавҳид |
| **Соли ба итмомрасии китоб:** | 1429 ҳ. қ. 2008 мелодӣ |
| **Соли нашр:** | 1441 ҳ. қ. 2020 мелодӣ |
| **Теъдоди саҳифаҳо:** | 28 |
| **Манбаъ:** | Сайти Мероси Абуҳанифа |

*Ин китоб аз сайти китобхонаи Мероси Абуҳанифа гирифта шуда ва аз тарафи ҳайати ҳамин китобхона таълиф шудааст.*

www.merosi-abuhanifa.com

Почтаи электронӣ: book@merosi-abuhanifa.com

*Дар нашри маводҳои исломӣ саҳмгузор бошем. Чуноне, ки Паёмбари акрам саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд:* ***“Аз ман ба дигарон бирасонед, ҳатто агар як оят ҳам бошад.”*** *(Бухорӣ, 3461)*

# Мундарича


Муқаддима ........ 3

1-ум Нидо: ........ 5

2-юм Нидо: ........ 5

3-юм Нидо: ........ 6

4-ум Нидо: ........ 6

5-ум Нидо: ........ 7

6-ум Нидо: ........ 8

7-ум Нидо: ........ 8

8-ум Нидо: ........ 9

9-ум Нидо: ........ 10

10-ум Нидо: ........ 10

11-ум Нидо: ........ 11

12-ум Нидо: ........ 11

13-ум Нидо: ........ 12

14-ум Нидо: ........ 13

15-ум Нидо: ........ 14

16-ум Нидо: ........ 15

17-ум Нидо: ........ 15

18-ум Нидо: ........ 16

19-ум Нидо: ........ 17

20-ум Нидо: ........ 17

21-ум Нидо: ........ 18

22-юм Нидо: ........ 18

23-юм Нидо: ........ 19

24-ум Нидо: ........ 20

25-ум Нидо: ........ 20

26-ум Нидо: ........ 21

27-ум Нидо: ........ 22

28-ум Нидо: ........ 22

29-ум Нидо: ........ 23

30-юм Нидо: ........ 24

Хулоса ........ 25

Манбаъҳо ........ 28

**Муқаддима**

**بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ.**

**ٱلۡحَمۡدُ لِلَّهِ ٱلَّذِيٓ أَنزَلَ عَلَىٰ عَبۡدِهِ ٱلۡكِتَٰبَ وَلَمۡ يَجۡعَل لَّهُۥ عِوَجَاۜ۔١.قَيِّمٗا لِّيُنذِرَ بَأۡسٗا شَدِيدٗا مِّن لَّدُنۡهُ وَيُبَشِّرَ ٱلۡمُؤۡمِنِينَ ٱلَّذِينَ يَعۡمَلُونَ ٱلصَّٰلِحَٰتِ أَنَّ لَهُمۡ أَجۡرًا حَسَنٗا۔٢**

**"Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон. Ҳамду сипос махсуси Аллоҳ таолост, ки Қуръонро бар бандааш [Муҳаммад] нозил кард ва ҳеҷ гуна каҷӣ ва инҳирофе дар он қарор надод. [Китобе] Устувор, то аз азобе сахт аз ҷониби Ӯ таоло бим диҳад ва ба мӯъминоне, ки корҳои шоиста мекунанд, мужда диҳад, ки подоши накӯе барояшон вуҷуд дорад."** (Каҳф, 1-2)

Аллоҳ таоло бандагони худро бо нидои хос хитоб мекунад, ки чунин мурoҷиатҳои илоҳӣ, далолат бар амрҳои муҳим мекунанд. Аз ин рӯ, китоби мазкур низ яке аз мавзӯъҳои муҳими исломиро, аз он ҷумла мавзӯи Тавҳид ва яктопарастиро дар бар мегирад, ки ин мавзӯъ дар аксарияти оятҳо ва иршодоти онҳо ба таври мухтасар баён шудааст. Инчунин амрҳои муҳими илоҳӣ дар робита бо ширк, намудҳои он ва роҳҳои дурӣ аз он, бахше аз ин китобро дар бар мегиранд.

Усуле, ки дар ин китоб истифода шудааст, инаст, ки баъд аз тарҷумаи таҳтуллафзии оятҳои қуръонӣ, ба шарҳи мухтасар ва иршодоти оятҳо пардохта шудааст, то барои хонанда оятҳои тарҷумашуда равшантар ва возеҳтар гарданд. Муаллиф бо истифодаи иршодот, танҳо роҳнамоиҳои мухтасарро дар назар надошта, балки оятҳо, ҳадисҳо ва суханони олимони муътабарро, ки аз ин нидоҳо ва оятҳо истинбот ва иҷтиҳод кардаанд, ворид кардааст. Яъне баъди мутолиаи ҳар нидо, на танҳо бо оят ошноӣ пайдо мекунед, балки аз хулоса ва натиҷаи масъалаҳои шаръӣ аз дидгоҳи Қуръон ва суннат баҳраманд мешавед. Дар ин замина барои равшану возеҳ шудани нидоҳои илоҳӣ, барои хонандагон, китобҳои машҳуре ба монанди Тафсири Ибни Касир, китоби Тайсир каримур раҳмони Абдураҳмон Носир Саъдӣ ва дигарон ҷамъоварӣ ва истифода шудаанд. Манбаъҳое, ки дар ин китоб аз онҳо истифода шудааст, дар охири китоб низ ба таври муфассал навишта шудаанд.

Бар замми ин, дар баъзе аз оятҳо сифатҳо ва номҳои Аллоҳи таоло низ шарҳ дода шудаанд.

Барои ба даст овардани мақсади нузули Қуръон 5-марҳалаи зерин вуҷуд дорад. Дар зери ҳар марҳала далелҳо низ аз Қуръон зикр шудаанд:

1. Гӯш кардани он:

وَإِذَا قُرِئَ ٱلۡقُرۡءَانُ فَٱسۡتَمِعُواْ لَهُۥ وَأَنصِتُواْ لَعَلَّكُمۡ تُرۡحَمُونَ.

**"Ва ҳангоме, ки Қуръон хонда мешавад, пас ба он гӯш фаро диҳед ва хомӯш бошед, бошад, ки фарогири раҳмат шавед."** (Аъроф, 204)

2. Хондану таълим гирифтани он:

ٱلَّذِينَ ءَاتَيۡنَٰهُمُ ٱلۡكِتَٰبَ يَتۡلُونَهُۥ حَقَّ تِلَاوَتِهِۦٓ أُوْلَٰٓئِكَ يُؤۡمِنُونَ به.

**"Касоне, ки китоби осмонӣ ба онҳо додаем [ва] онро чунон, ки шоистааст мехонанд ва ба матолиби он имон меоваранд..."** (Бақара, 121)

3. Ҳифз ва аз худ кардани он:

بَلۡ هُوَ ءَايَٰتُۢ بَيِّنَٰتٞ فِي صُدُورِ ٱلَّذِينَ أُوتُواْ ٱلۡعِلۡمَۚ .

**"Балки он оёти равшанест, ки дар синаи донишварон [-и мӯъмин] ҷой дорад..."** (Анкабут, 49)

4. Андешидан ва панд гирифтан аз он:

كِتَٰبٌ أَنزَلۡنَٰهُ إِلَيۡكَ مُبَٰرَكٞ لِّيَدَّبَّرُوٓاْ ءَايَٰتِهِۦ وَلِيَتَذَكَّرَ أُوْلُواْ ٱلۡأَلۡبَٰبِ.

**"[Эй Муҳаммад, ин Қуръон] Китобест пурбаракат, ки бар ту нозил кардаем, то мардум дар оёташ биандешанд ва хирадмандон панд гиранд."** (Сод, 29)

5. Амал кардан ба он:

ٱلَّذِينَ يَسۡتَمِعُونَ ٱلۡقَوۡلَ فَيَتَّبِعُونَ أَحۡسَنَهُۥٓۚ أُوْلَٰٓئِكَ ٱلَّذِينَ هَدَىٰهُمُ ٱللَّهُۖ وَأُوْلَٰٓئِكَ هُمۡ أُوْلُواْ ٱلۡأَلۡبَٰبِ.

**"Касоне, ки суханҳоро мешунаванд ва аз беҳтарини он (Қуръон) пайравӣ мекунанд. Онон касоне ҳастанд, ки Аллоҳ таоло ҳидояташон карда ва хирадманданд."** (Зумар, 18)

Дар асоси ин таъкидот, мо Алҳамдулиллоҳ пас аз таҳлил ва баррасӣ дар Қуръон, нидоҳои Аллоҳ бар инсониятро ҷамъоварӣ намудем, ки дар 30-ҷои Қуръон зикр мешаванд.

**1-ум Нидо:**

**يَا أَيُّهَا النَّاسُ اعْبُدُوا رَبَّكُمُ الَّذِي خَلَقَكُمْ وَالَّذِينَ مِن قَبْلِكُمْ لَعَلَّكُمْ تَتَّقُونَ -٢١-الَّذِي جَعَلَ لَكُمُ الْأَرْضَ فِرَاشًا وَالسَّمَاءَ بِنَاءً وَأَنزَلَ مِنَ السَّمَاءِ مَاءً فَأَخْرَجَ بِهِ مِنَ الثَّمَرَاتِ رِزْقًا لَّكُمْ ۖ فَلَا تَجْعَلُوا لِلَّهِ أَندَادًا وَأَنتُمْ تَعْلَمُونَ-٢٢**

**"Эй мардум, Парвардигори хешро бипарастед, то дар амон бошед. Он Парвардигоре, ки шумо ва касони пеш аз шуморо офарид. Он, ки заминро барои шумо фарше сохт ва осмонро сақфе. Ва аз осмон об фурӯд овард ва ба сабаби он барои рӯзии шумо меваҳоро берун овард. Пас барои Худо дониста ҳамтоёне муқаррар макунед!"** (Бақара, 21-22)

*Иршодоти оятҳо:*

1. Якумин нидои Аллоҳ бар инсоният бар амри тавҳиду яктопарастӣ.

2. Муҳим будани амри тавҳид дар шариат, чун аввалин амр ба он шудааст.

3. Аввалин наҳй ё манъи Аллоҳ аз ширк дар Қуръон.

4. Зикри хатари ширк, зеро ширк тамоми амалҳои инсонро ботил ва аз байн мебарад.

5. Аллоҳи бузург дар ин нидо барои мустаҳиқ ва шоиста будани тавҳиди ибодаташ, ба тавҳиди рубубият ҳуҷҷатгузорӣ мекунад. Зеро хабар додааст, ки инсониятро барои ибодати худ офаридааст.

**2-юм Нидо:**

**يَـٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ كُلُواْ مِمَّا فِي ٱلۡأَرۡضِ حَلَٰلٗا طَيِّبٗا وَلَا تَتَّبِعُواْ خُطُوَٰتِ ٱلشَّيۡطَٰنِۚ إِنَّهُۥ لَكُمۡ عَدُوّٞ مُّبِينٌ-١٦٨..إِنَّمَا يَأۡمُرُكُم بِٱلسُّوٓءِ وَٱلۡفَحۡشَآءِ وَأَن تَقُولُواْ عَلَى ٱللَّهِ مَا لَا تَعۡلَمُونَ.-١٦٩.**

**"Эй мардум, аз он чи дар замин аст, ҳалолу покиза бихӯред ва аз [роҳҳо ва] гомҳои шайтон [ки ба василаи онҳо ба тадриҷ шуморо ба сӯи азоб мекашад] пайравӣ накунед, ки ба ростӣ ӯ душмани ошкори шумост. [Ӯ] Шуморо танҳо ба бадӣ ва зиштӣ фармон медиҳад [ва бар он медорад] то он чиро, ки намедонед, ба Аллоҳ таоло нисбат диҳед."** (Бакара, 168-169)

*Иршодоти оятҳо:*

1. Аз ин оят бар меояд, ки касби ҳалол ва ҳалолу покиза хӯрдан як навъ ибодати илоҳист, зеро Аллоҳ ба он амр кардааст.

2. Ҳалол дорои ду васф мебошад:

Якум покиза бошаду, наҷас набошад. Дуввум фоидаовар бошаду, зараровар набошад.

3. Манъи Аллоҳ аз пайравӣ кардани роҳи шайтон, чун шайтон душмани ошкори инсоният мебошад.

4. Яке аз бузургтарин гуноҳ дар шариат, ин бе илм сухан кардан аст.

5. Аҳмияти илм дар шариат, чун манъ ва сарзаниши Аллоҳ аз ҷоҳилӣ, бар илмомӯзи далолат мекунад.

**3-юм Нидо:**

**أَيُّهَا ٱلنَّاسُ ٱتَّقُواْ رَبَّكُمُ ٱلَّذِي خَلَقَكُم مِّن نَّفۡسٖ وَٰحِدَةٖ وَخَلَقَ مِنۡهَا زَوۡجَهَا وَبَثَّ مِنۡهُمَا رِجَالٗا كَثِيرٗا وَنِسَآءٗۚ وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَ ٱلَّذِي تَسَآءَلُونَ بِهِۦ وَٱلۡأَرۡحَامَۚ إِنَّ ٱللَّهَ كَانَ عَلَيۡكُمۡ رَقِيبٗا**

**"Эй мардум, аз Парвардигоратон битарсед, ҳамон зоте, ки шуморо аз як тан офарид ва ҳамсарашро низ аз ӯ офарид ва аз (насли) он ду, мардону занони бисёре падид овард. Ва аз Парвардигоре, ки ба (номи) Ӯ аз якдигар дархост мекунед, тақво намоед ва аз хешовандон бохабар бошед (ва аз қатъи силаи раҳм битарсед). Бегумон, Аллоҳ таоло ҳамвора муроқиб ва нигаҳбони шумост." (Нисо, 1)**

*Иршодоти оят:*

1. Амр намудан ба тарс аз зоти худаш, зеро Парвардигори мост.

2. Хабари Аллоҳи бузург бар ин ки Ҳаво алайҳиссаломро аз Одам алайҳиссалом халқ кардааст.

3. Воҷиб будани силаи раҳм, чун амри илоҳист.

4. Исботи номи ***Ар-Рақиб*** (нигаҳбон ва назаркунанда) барои Аллоҳ.

**4-ум Нидо:**

**يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ قَدۡ جَآءَكُمُ ٱلرَّسُولُ بِٱلۡحَقِّ مِن رَّبِّكُمۡ فَـَٔامِنُواْ خَيۡرٗا لَّكُمۡۚ وَإِن تَكۡفُرُواْ فَإِنَّ لِلَّهِ مَا فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِۚ وَكَانَ ٱللَّهُ عَلِيمًا حَكِيمٗا.**

**"Эй мардум, ин паёмбар аз ҷониби Парвардигоратон [ҳидояту дини] ҳақро бароятон овардааст, пас имон биёваред, ки ба хайр ва салоҳи шумост. Ва агар [суханашро напазиред ва] куфр биварзед, [бидонед, ки] он чи дар осмонҳо ва замин аст, аз они**

**Аллоҳи таоло аст [ва куфри шумо бар Ӯ зиёне намерасонад] ва Аллоҳ таоло ҳамвора донои ҳаким аст."** **(Нисо, 170)**

*Иршодоти оят:*

1. Шаҳодати Аллоҳи бузург бар ҳақ будани Расулаш дар гуфтору кирдор ва ақидаву даъваташ.

2. Амри Аллоҳ ба имон овардан ба Расулаш.

Имон овардан ба Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам чаҳор рукн дорад:

***- Тасдиқ кардан ба он чизе, ки хабар додааст.***

***- Итоат кардан ба қадри тавоноӣ ба он чизе, ки амр кардааст.***

***- Дурӣ кардан аз он чизе, ки манъ кардааст.***

***- Ибодати Аллоҳро ба он тарз ва равише, ки ибодат кардааст.***

3. Исботи номи ***Ал-Алим*** (доно) ва ***Ал-Ҳаким*** (яъне ҳар чизро дар мавқеи худаш мондан) барои Аллоҳ.

4. Доно будани Аллоҳи бузург ба аҳволи бандагонаш ва бо ҳикмат будани Ӯ таъоло дар шариатгузорияш.

**5-ум Нидо:**

**يَـٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ قَدۡ جَآءَكُم بُرۡهَٰنٞ مِّن رَّبِّكُمۡ وَأَنزَلۡنَآ إِلَيۡكُمۡ نُورٗا مُّبِينٗا ١٧٤ فَأَمَّا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ بِٱللَّهِ وَٱعۡتَصَمُواْ بِهِۦ فَسَيُدۡخِلُهُمۡ فِي رَحۡمَةٖ مِّنۡهُ وَفَضۡلٖ وَيَهۡدِيهِمۡ إِلَيۡهِ صِرَٰطٗا مُّسۡتَقِيمٗا ١٧٥.**

**"Эй мардум, ба ростӣ, ки барои шумо аз ҷониби Парвардигоратон далели равшан [Муҳаммад] ва нури ошкор [Қуръон] нозил кардаем. Аммо онон, ки ба Аллоҳ таоло имон овардаанд ва ба Қуръон тамассук ҷустаанд, ҳамаро Аллоҳ дар раҳмату фазли худ ворид хоҳад кард ва ба роҳи рост ба сӯи хеш раҳнамун мегардонад." (Нисо, 174-175)**

*Иршодоти оятҳо:*

1. Миннатгузории Аллоҳ бар инсоният, ки бар онҳо Расул фиристода ва китоби ошкор нозил кардааст.

2. Миннатгузорӣ сифати хоси илоҳист, аз ин сабаб бар инсоният ҳаром аст миннатгузорй кардан.

3. Хабари Аллоҳи бузург бар ин ки ақл ба танҳоӣ барои наҷот ёфтан дар шариат кофӣ нест, балки бояд ба ду чизи дигар низ чанг зад:

***- Ба пайравӣ аз Расулаш.***

***- Тамассук ва чанг задан ба китобаш.***

4. Пайравӣ аз Расул ва тамассук ба Қуръон сабаби асосии раҳмату мағфират ва ҳидояти Аллоҳро ба даст овардан аст.

**6-ум Нидо:**

قُلۡ يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ إِنِّي رَسُولُ ٱللَّهِ إِلَيۡكُمۡ جَمِيعًا ٱلَّذِي لَهُۥ مُلۡكُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِۖ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ يُحۡيِۦ وَيُمِيتُۖ فَـَٔامِنُواْ بِٱللَّهِ وَرَسُولِهِ ٱلنَّبِيِّ ٱلۡأُمِّيِّ ٱلَّذِي يُؤۡمِنُ بِٱللَّهِ وَكَلِمَٰتِهِۦ وَٱتَّبِعُوهُ لَعَلَّكُمۡ تَهۡتَدُونَ

**''Бигӯ: Эй мардум, ман фиристодаи Аллоҳ таоло ба сӯи ҳамаи шумо ҳастам. Ҳамон Парвардигоре, ки фармонравоии осмонҳо ва замин аз они Ӯст, маъбуде [барҳақ] ҷуз Ӯ нест, зинда мекунад ва мемиронад. Пас ба Аллоҳ таоло ва фиристодааш – он Паёмбари дарснохондае, ки ба Аллоҳ таоло ва суханонаш бовар дорад, имон биёваред ва аз Ӯ пайравӣ кунед, бошад, ки ҳидоят шавед.'' (Аъроф, 158)**

*Иршодоти оят.*

1. Амри Аллоҳ ба Расулаш то эълом кунад рисолаташро ба тамоми инсонҳо ва ҷинҳо, чунки эъломи рисолат яке аз хусусиятҳои хоси ӯст.

2. Хабари илоҳӣ аз ҳадафи асосии фиристода шудани Расул, ин ҳамон якка ва ягона ибодат кардани Аллоҳ таолост.

3. Амри Аллоҳ ба итоати Расул, ки ин сабаби ҳидоят аст.

4. Исботи сифоти ***Юҳйи*** ва ***Юмит*** (зиндакунанда ва миронанда) барои Аллоҳ.

**7-ум Нидо:**

فَلَمَّآ أَنجَىٰهُمۡ إِذَا هُمۡ يَبۡغُونَ فِي ٱلۡأَرۡضِ بِغَيۡرِ ٱلۡحَقِّۗ يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ إِنَّمَا بَغۡيُكُمۡ عَلَىٰٓ أَنفُسِكُمۖ مَّتَٰعَ ٱلۡحَيَوٰةِ ٱلدُّنۡيَاۖ ثُمَّ إِلَيۡنَا مَرۡجِعُكُمۡ فَنُنَبِّئُكُم بِمَا كُنتُمۡ تَعۡمَلُونَ

**''Ва чун [Аллоҳ таоло] наҷоташон медиҳад, ба ноҳақ дар замин саркашӣ [ва ситам] мекунанд. Эй мардум, [ситам ва] саркашии шумо танҳо ба зиёни худатон аст, [чаро ки фақат] баҳраи [ночизе аз] зиндагии дунё мебаред ва сипас бозгаштатон**

**ба сӯи Мо хоҳад буд, он гоҳ шуморо аз ончи мекардед, бохабар месозем."** **(Юнус, 23)**

*Иршодоти оят:*

1. Аллоҳи бузург хабар додааст, ки инсонҳо баъди наҷот аз мушкилоташон, боз ба фасоду туғён даст мезананд.

2. Хабари илоҳӣ бар ҳар фасодкору саркаш, ки саркашӣ ва фасодаш бар худаш бозмегардад.

3. Таҳқиру ночиз шуморидани Аллоҳ дунёро.

4. Таҳдиди илоҳӣ ба ҳисобу китоби аъмоли бандагон ва ба бозгашт ба сӯи Зоти покаш.

**8-ум Нидо:**

**يَـٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ قَدۡ جَآءَتۡكُم مَّوۡعِظَةٞ مِّن رَّبِّكُمۡ وَشِفَآءٞ لِّمَا فِي ٱلصُّدُورِ وَهُدٗى وَرَحۡمَةٞ لِّلۡمُؤۡمِنِينَ ـ ٥٧ــقُلۡ بِفَضۡلِ ٱللَّهِ وَبِرَحۡمَتِهِۦ فَبِذَٰلِكَ فَلۡيَفۡرَحُواْ هُوَ خَيۡرٞ مِّمَّا يَجۡمَعُونَ ــ٥٨.**

**"Эй мардум, ба ростӣ барои шумо аз ҷониби Парвардигоратон мавъизае (Қуръон) омадааст ва шифое барои ончи дар дилҳост ва ҳидояту раҳмате барои мӯъминон. Бигӯ: "[Мӯъминон] Бояд ба бахшиш ва раҳмати Аллоҳ таоло" шодмон шаванд, ки ин ду [неъматҳо] аз ончи ҷамъ мекунанд, беҳтар аст." (Юнус, 57-58)**

*Иршодоти оятҳо:*

1. Аллоҳ Қуръонро васф мекунад бар мавъиза, яъне Қуръон дорои амрҳои ташвиқкунанда ва амрҳои тарсонанда аст.

2. Аллоҳ аз боби ташрифу эҳтиром (таъзим) Қуръонро ба худ нисбат медиҳад, дар ҳоле, ки Қуръон каломи Ӯ таолост, ғайри махлуқ аст, бар Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам нозил шудааст, мӯъҷизаи илоҳист, хонданаш ибодати хоссест, ба шакли тавотур (пайдарҳамӣ) нақл шудааст, аз ҷониби Аллоҳ омадааст ва ба сӯи Ӯ таоло дар охири замон бармегардад.

3. Хабари Аллоҳ бар ин ки Қуръон сабаби шифои дилҳо аз шаҳавоту шубуҳот ва аз тамоми бемориҳост.

4. Хабари илоҳӣ бар ин ки Қуръон фақат барои мӯъминон ҳидояту раҳмат аст. Ҳидоят дар шариат ин донистани ҳақиқат ва амал кардан ба он буда ва раҳмат бошад, ба даст овардани хайру хубист.

5. Хабари илоҳист, ки ҳидоят бузургтарини василаҳост ва раҳмат бошад комилтарини мақсад ва рағбатҳост.

6. Хабари илоҳист, ки раҳматаш фақат барои мӯъминон аст.

**9-ум Нидо:**

**قُلۡ يَـٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ إِن كُنتُمۡ فِي شَكّٖ مِّن دِينِي فَلَآ أَعۡبُدُ ٱلَّذِينَ تَعۡبُدُونَ مِن دُونِ ٱللَّهِ وَلَٰكِنۡ أَعۡبُدُ ٱللَّهَ ٱلَّذِي يَتَوَفَّىٰكُمۡۖ وَأُمِرۡتُ أَنۡ أَكُونَ مِنَ ٱلۡمُؤۡمِنِينَ-١٠٤-وَأَنۡ أَقِمۡ وَجۡهَكَ لِلدِّينِ حَنِيفٗا وَلَا تَكُونَنَّ مِنَ ٱلۡمُشۡرِكِينَ-١٠٥-.**

**"Бигӯ: «Эй мардум, агар дар дини ман тардид доред, пас [огоҳ бошед ки ман] касонеро, ки шумо ба ҷои Аллоҳ таоло мепарастед, намепарастам, балки он Аллоҳ таолоро мепарастам, ки ҷонатонро мегирад ва фармон ёфтаам, ки аз мӯъминон бошам. Ва [ба ман амр шудааст, ки] ҳақгароёна ба ин дин рӯ овар ва ҳаргиз дар зумраи мушрикон набош!" (Юнус, 104-105)**

*Иршодоти оятҳо:*

1. Амри Аллоҳ ба Расулаш барои безорӣ ҷустан аз ширку аз мушрикон. Умматаш низ дар таҳти ин хитоб дохил мебошад.

2. Амри Аллоҳ бар имони холису рост ва амал кардан ба шариат.

3. Амри илоҳӣ бар диндории комил ва ба майл намудан ба тавҳид.

4. Манъи Аллоҳ аз ширк дар гуфтору кирдор ва дар эътиқод.

**10-ум Нидо:**

**قُلۡ يَـٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ قَدۡ جَآءَكُمُ ٱلۡحَقُّ مِن رَّبِّكُمۡۖ فَمَنِ ٱهۡتَدَىٰ فَإِنَّمَا يَهۡتَدِي لِنَفۡسِهِۦۖ وَمَن ضَلَّ فَإِنَّمَا يَضِلُّ عَلَيۡهَاۖ وَمَآ أَنَا۠ عَلَيۡكُم بِوَكِيلٖ-١٠٨ وَٱتَّبِعۡ مَا يُوحَىٰٓ إِلَيۡكَ وَٱصۡبِرۡ حَتَّىٰ يَحۡكُمَ ٱللَّهُۚ وَهُوَ خَيۡرُ ٱلۡحَٰكِمِينَ-١٠٩.**

**"Бигӯ: "Эй мардум, ҳақ аз ҷониби Парвардигоратон бароятон омадааст, пас ҳар ки ҳидоят ёбад, ба суди хеш ҳидоят меёбад ва ҳар ки гумроҳ гардад, ба зиёни хеш гумроҳ мегардад ва ман [муроқибу] коргузори шумо нестам". Ва [эй Паёмбар] аз ончи бар ту ваҳй мешавад пайравӣ кун ва шикебо бош, то Аллоҳ таоло [байни ту ва кофирон] доварӣ кунад ва Ӯ беҳтарин довар аст."** (Юнус, 108-109)

*Иршодоти оятҳо:*

1. Хитоби Аллоҳ бар Расулаш, хитоб ба тамоми умматони ӯ далолат мекунад.

2. Васф ба ҳақ намудани Аллоҳ Қуръонро, чун инсониятро ба ҳақиқат мерасонад.

3. Хабари илоҳӣ бар ин ки хубӣ ва бадии инсон ба худи ӯ бармегардад.

4. Амри Аллоҳ ба пайравӣ кардан аз ваҳй (Қуръон), ки ин дарбаргирандаи пайравии илмӣ, амалӣ ва пайравӣ дар ҳоли даъват мебошад. Инчунин сабр кардан то вақти маргро низ дар бар мегирад.

5. Исботи номи ***Ал-Ҳаким*** (бо ҳикмату бо хирад дар тамоми корҳояш) барои Аллоҳ таъоло.

**11-ум Нидо:**

**يَـٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ ٱتَّقُواْ رَبَّكُمۡۚ إِنَّ زَلۡزَلَةَ ٱلسَّاعَةِ شَيۡءٌ عَظِيمٞ ١ يَوۡمَ تَرَوۡنَهَا تَذۡهَلُ كُلُّ مُرۡضِعَةٍ عَمَّآ أَرۡضَعَتۡ وَتَضَعُ كُلُّ ذَاتِ حَمۡلٍ حَمۡلَهَا وَتَرَى ٱلنَّاسَ سُكَٰرَىٰ وَمَا هُم بِسُكَٰرَىٰ وَلَٰكِنَّ عَذَابَ ٱللَّهِ شَدِيدٞ ٢**

**"Эй мардум, аз Парвардигоратон парво кунед. Бе тардид, зилзилаи қиёмат амри бузургест! Рӯзе, ки онро мебинед, [он чунон ваҳшатнок аст, ки] ҳар модари ширдеҳе [фарзанди] ширхорашро фаромӯш мекунад ва ҳар [мавҷуди] бордоре ҷанини худро [бар замин] мениҳад ва мардумро маст мебинӣ, дар ҳоле, ки маст нестданд, балки азоби Аллоҳ таоло шадид аст."** (Ҳаҷ, 1-2)

*Иршодоти оятҳо:*

1. Амри Аллоҳ ба инсоният бар тақво.

2. Тақво дар шариат, ин амрҳои Аллоҳ ва Расулашро бо қадри тавоноӣ баҷо овардан ва аз манъкардаҳои Аллоҳ ва Расулаш дурӣ кардан аст.

3. Хабари илоҳист, ки тақво сабаби асосии аз азоби Аллоҳ дар амон мондан аст.

4. Таъкиди Аллоҳ бар ин ки омадани қиёмат бениҳоят вақти вазнин аст ва бояд ҳар як инсон тақворо сипари худ бигирад.

**12-ум Нидо:**

**يَـٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ إِن كُنتُمۡ فِي رَيۡبٖ مِّنَ ٱلۡبَعۡثِ فَإِنَّا خَلَقۡنَٰكُم مِّن تُرَابٖ ثُمَّ مِن نُّطۡفَةٖ ثُمَّ مِنۡ عَلَقَةٖ ثُمَّ مِن مُّضۡغَةٖ مُّخَلَّقَةٖ وَغَيۡرِ مُخَلَّقَةٖ لِّنُبَيِّنَ لَكُمۡۚ وَنُقِرُّ فِي ٱلۡأَرۡحَامِ مَا نَشَآءُ إِلَىٰٓ أَجَلٖ مُّسَمّٗى ثُمَّ نُخۡرِجُكُمۡ طِفۡلٗا ثُمَّ لِتَبۡلُغُوٓاْ أَشُدَّكُمۡۖ وَمِنكُم مَّن يُتَوَفَّىٰ وَمِنكُم مَّن يُرَدُّ إِلَىٰٓ أَرۡذَلِ ٱلۡعُمُرِ لِكَيۡلَا يَعۡلَمَ مِنۢ بَعۡدِ عِلۡمٖ شَيۡـٔٗاۚ وَتَرَى ٱلۡأَرۡضَ هَامِدَةٗ**

**فَإِذَآ أَنزَلۡنَا عَلَيۡهَا ٱلۡمَآءَ ٱهۡتَزَّتۡ وَرَبَتۡ وَأَنۢبَتَتۡ مِن كُلِّ زَوۡجِۭ بَهِيجٍ-٥ ذَٰلِكَ بِأَنَّ ٱللَّهَ هُوَ ٱلۡحَقُّ وَأَنَّهُۥ يُحۡيِ ٱلۡمَوۡتَىٰ وَأَنَّهُۥ عَلَىٰ كُلِّ شَيۡءٖ قَدِيرٞ-٦.**

**"Эй мардум, агар дар бораи барангехта шудан [дар қиёмат] тардид доред, пас, [бидонед, ки] бетардид, Мо шуморо аз хок офаридаем, сипас аз нутфа ва он гоҳ аз хуни басташуда, сипас аз порагӯште шаклёфта ва [баъзан] шаклноёфта, [чунин кардем] то [қудрати хешро] бароятон ошкор созем. Ва ҳар чиро, ки бихоҳем, то муддате муайян дар раҳим [раҳими модарон] нигаҳ медорем, он гоҳ шуморо ба сурати навзоде берун меоварем, сипас [парвариш меёбед] то ба ҳадди рушди [ва булуғи] худ бирасед ва аз шумо касе ҳаст, ки [дар даврони ҷавонӣ] мемирад ва касе низ ҳаст, ки [он қадар умр мебинанд, то] ба ниҳояти фурӯтанӣ [ва куҳансолӣ] мерасад, чунонки пас аз [он ҳама] дониш [ҳамаро фаромӯш мекунад ва] чизе намедонад. Ва [аммо мисоле дигар] заминро хушкида мебинӣ, вале чун об [борон] бар он фурӯ мефиристем, ба ҷунбиш дармеояд ва рушд мекунад ва аз ҳар навъ гиёҳи зебое мерӯёнад. Ин [шигифтиҳои хилқат] аз он рӯст, ки [бидонед] Аллоҳ таоло ҳақ аст ва Ӯст, ки мурдагонро зинда мекунад ва Ӯ бар ҳар коре тавоност."** (Ҳаҷ, 5-6)

*Иршодоти оятҳо:*

1. Хабари Аллоҳ ба ин ки дар асл инсоният бояд Аллоҳ ва Расулашро тасдиқ ва қабул кунад.

2. Ҳуҷҷатгузории Аллоҳ барои зинда кардани баъд аз миронидан ба 2-далели ақлие, ки инсон онро доим мушоҳада мекунад:

- ибтидои халқи инсон.

- зинда кардани замин.

3. Исботи номи ***Ал-Ҳақ*** ва ***Ал-Қадир*** ба Аллоҳ.

**13-ум Нидо:**

**قُلۡ يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ إِنَّمَآ أَنَا۠ لَكُمۡ نَذِيرٞ مُّبِينٞ-٤٩.فَٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ لَهُم مَّغۡفِرَةٞ وَرِزۡقٞ كَرِيمٞ-٥٠.وَٱلَّذِينَ سَعَوۡاْ فِيٓ ءَايَٰتِنَا مُعَٰجِزِينَ أُوْلَٰٓئِكَ أَصۡحَٰبُ ٱلۡجَحِيمِ-٥١.**

**"Бигӯ: «Эй мардум, ҷуз ин нест, ки ман барои шумо бимдиҳандае ошкорам». Пас касоне, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста анҷом додаанд, омурзишу рӯзии нек [дар пеш]**

**доранд. Ва касоне, ки дар роҳи инкор ва таксиби оёти Мо мекӯшанд, то [ба пиндор ва афкори хеш] Моро дармонда кунанд, онон аҳли дӯзаханд.''** (Ҳаҷ, 49-51)

*Иршодоти оятҳо:*

1. Эълони илоҳӣ бар ин ки Расулаш Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам дорои сифати тарсонандаи ошкор аз азоби илоҳист.

2. Башорати илоҳӣ бар мағфирати гуноҳон ва ризқи фаровон дар дунёву охират барои ононе, ки имон овардаанду амали солеҳ анҷом додаанд.

3. Хабари илоҳӣ бар ин ки амали солеҳ ҷузъи имондорист.

4. Ваъдаи азоби сахт дар дӯзах барои касоне, ки имон наёвардаанду зидди шариат мубориза мебаранд.

5. Исботи сифати ***Ал-Мағфира*** (гузаранда аз гуноҳ) барои Аллоҳ таоло.

**14-ум Нидо:**

**يَـٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ ضُرِبَ مَثَلٌ فَٱسْتَمِعُواْ لَهُۥٓۚ إِنَّ ٱلَّذِينَ تَدْعُونَ مِن دُونِ ٱللَّهِ لَن يَخْلُقُواْ ذُبَابًا وَلَوِ ٱجْتَمَعُواْ لَهُۥۖ وَإِن يَسْلُبْهُمُ ٱلذُّبَابُ شَيْـًٔا لَّا يَسْتَنقِذُوهُ مِنْهُۚ ضَعُفَ ٱلطَّالِبُ وَٱلْمَطْلُوبُ-٧٣-مَا قَدَرُواْ ٱللَّهَ حَقَّ قَدْرِهِۦٓۚ إِنَّ ٱللَّهَ لَقَوِيٌّ عَزِيزٌ-٧٤.**

**''Эй мардум, [дар бораи нотавонии ба ғайри Аллоҳ] масале зада шудааст, пас ба он гӯш диҳед. Касонеро, ки ба ҷои Аллоҳ таоло мехонед, ҳаргиз наметавонанд магасеро биёфаринанд, ҳатто агар [ҳамагӣ] барои ин [кор] ҷамъ шаванд. Ва агар он магас чизе аз онон бирабояд, наметавонанд онро бозпас гиранд. [Оре] Толиб ва матлуб [ғайри Аллоҳ] ҳар ду нотавонанд. [Онон] Аллоҳро чунон ки сазовори [бузургдошти] Ӯст, нашинохтаанд. Бетардид, Аллоҳ таоло нерӯманди шикастнопазир аст.''** (Ҳаҷ, 73-74)

*Иршодоти оятҳо:*

1. Аллоҳи бузург масале мезанад ва амр мекунад бар гӯш додан ва фахмидани он, то инсоният дарку фаҳм кунанд, ки ғайри Аллоҳ касе наметавонад ҳоҷоти моро бароварда кунад.

2. Талаби ҳоҷоте, ки ба ғайри Аллоҳ касе тавонашро надорад, аз ғайри Аллоҳ хостан, ин ҳаққи Аллоҳро поймол кардан аст.

3. Хабари илоҳист, ки бузургтарин ҳаққи Аллоҳ ин шинохтан ва яккаву ягона ибодат кардани Ӯст.

4. Хабари илоҳист, ки дуо яке аз ҳуқуқҳои Аллоҳ аст ва аз бузургтарин ибодат аст.

5. Исботи ду номи Аллоҳ ***Ал-Қави*** (қудратманди шикастнопазир) ва ***Ал-Азиз*** (ғолибу бузург).

**15-ум Нидо:**

**وَوَرِثَ سُلَيۡمَٰنُ دَاوُۥدَۖ وَقَالَ يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ عُلِّمۡنَا مَنطِقَ ٱلطَّيۡرِ وَأُوتِينَا مِن كُلِّ شَيۡءٍۖ إِنَّ هَٰذَا لَهُوَ ٱلۡفَضۡلُ ٱلۡمُبِينُ**

**"Ва Сулаймон аз Довуд мерос бурд ва гуфт: “Эй мардум, [фаҳми] забони паррандагон ба мо омӯхта шуда ва аз ҳар чиз ба мо [баҳрае] додаанд. Бетардид, ин фазле ошкор [аз ҷониби Парвардигор] аст.""** (Намл, 16)

*Иршодоти оят:*

1. Хабари илоҳӣ бар фазилати Сулаймон алайҳиссалом, ки ӯро сухан кардан бо паррандагон таълим дода, инчунин аз дигар фазилатҳои хосе баҳраманд кардааст.

2. Нидоҳои илоҳӣ дар Қуръон 3-навъ мебошанд:

***- хабарӣ, ки ин нидо дар инҷо аз ҳамин навъ аст.***

***- амр ва наҳӣ.***

***- иқомати далелу ҳуҷҷат.***

3. Сулаймон алайҳиссалом аз Довуд алайҳиссалом мероси илму нубувватро бадаст овард, на мероси молу мулкро. ***Чун Паёмбар алайҳимуссалом фармудааст, ки мо Анбиё мерос намебарем, балки ҳар чизе, ки тарк кардем аз молу мулк, садақа дода мешавад.*** (Саҳиҳ ибни Ҳиббон, 4823)

4. Қоидае дар шариат аст, ки фазилати хос далолат бар фазилати ом намекунад.

5. Ҳар неъмате дар инсоният ҳаст аз ҷониби Аллоҳи Карим аст ва шукри онро баҷо овардан фарз мебошад.

**16-ум Нидо:**

**يَـٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ ٱتَّقُواْ رَبَّكُمۡ وَٱخۡشَوۡاْ يَوۡمٗا لَّا يَجۡزِي وَالِدٌ عَن وَلَدِهِۦ وَلَا مَوۡلُودٌ هُوَ جَازٍ عَن وَالِدِهِۦ شَيۡـًٔاۚ إِنَّ وَعۡدَ ٱللَّهِ حَقّٞۖ فَلَا تَغُرَّنَّكُمُ ٱلۡحَيَوٰةُ ٱلدُّنۡيَا وَلَا يَغُرَّنَّكُم بِٱللَّهِ ٱلۡغَرُورُ**

**"Эй мардум, аз Парвардигоратон парво кунед ва аз рӯзе битарсед, ки на ҳеҷ падаре барои фарзандаш суде дорад ва на ҳеҷ фарзанде судрасони падар аст. Яқинан, ваъдаи Аллоҳ таоло ҳақ аст. Пас [ҳушёр бошед, ки лаззатҳои] зиндагии дунёӣ шуморо нафиребад ва шайтон нисбат ба [таъхири азоб ва шикебоии] Аллоҳ таоло фиребатон надиҳад."** (Луқмон, 33).

*Иршодоти оят:*

1. Хабари Аллоҳ бар ин ки дар рӯзи қиёмат насаб фоидае надорад, балки танҳо тақвост, ки инсонро наҷот медиҳад.

2. Гӯшзад ва манъ кардани Аллоҳ таъоло аз мағрур шудан ба зебогиҳои зиндагӣ дар дунё.

3. Инсон бояд доим дар ёди Аллоҳ буда ва фиреби фиребкунандаро дар корҳои динияш нахӯрад.

**17-ум Нидо:**

**يَـٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ ٱذۡكُرُواْ نِعۡمَتَ ٱللَّهِ عَلَيۡكُمۡۚ هَلۡ مِنۡ خَٰلِقٍ غَيۡرُ ٱللَّهِ يَرۡزُقُكُم مِّنَ ٱلسَّمَآءِ وَٱلۡأَرۡضِۚ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَۖ فَأَنَّىٰ تُؤۡفَكُونَ.-٣.وَإِن يُكَذِّبُوكَ فَقَدۡ كُذِّبَتۡ رُسُلٞ مِّن قَبۡلِكَۚ وَإِلَى ٱللَّهِ تُرۡجَعُ ٱلۡأُمُورُ-٤**

**"Эй мардум, неъмати Аллоҳро бар худ ба ёд оваред. Оё офаринандае ҷуз Аллоҳ таоло ҳаст, ки шуморо аз осмон ва замин рӯзӣ диҳад? Ҳеҷ маъбуде ҷуз Ӯ нест. Пас чи гуна [аз ҳақ] мунҳариф мешавед? [Эй паёмбар] Агар мушрикон туро дурӯғгӯ мепиндоранд [ғамгин мабош, зеро] паёмбарони пеш аз туро низ дурӯғгӯ мепиндоштанд ва [саранҷом ҳамаи] корҳо ба Аллоҳ таоло боз гардонида мешавад."** (Фотир, 3-4)

*Иршодоти оятҳо:*

1. Амри Аллоҳ барои ба ёд овардани неъматҳояш ва шукронаи Ӯро баҷо овардан.

2. Шукронаи неъматҳои Аллоҳ дар 3-чиз аст:

***- иқрор кардан дар дил.***

***- ба забон гуфтан.***

***- дар розигии Аллоҳ сарф кардан.***

3. Аллоҳ ба 2-неъмати бузургаш бар инсоният ҳушдор медиҳад:

***- халқ кардани инсоният.***

***- ризқ додани онон ва ин дуро ҳуҷҷат мегузорад барои тавҳиди ибодату улуҳияташ (яъне Ӯро якка ва ягона ибодат кардан).***

4. Хабари илоҳӣ барои таслияти Расулаш саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз умматони гузашта.

**18-ум Нидо:**

**يَـٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ إِنَّ وَعۡدَ ٱللَّهِ حَقّٞۖ فَلَا تَغُرَّنَّكُمُ ٱلۡحَيَوٰةُ ٱلدُّنۡيَا وَلَا يَغُرَّنَّكُم بِٱللَّهِ ٱلۡغَرُورُ-٥ .إِنَّ ٱلشَّيۡطَٰنَ لَكُمۡ عَدُوّٞ فَٱتَّخِذُوهُ عَدُوًّاۚ إِنَّمَا يَدۡعُواْ حِزۡبَهُۥ لِيَكُونُواْ مِنۡ أَصۡحَٰبِ ٱلسَّعِيرِ.-٦ .ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ لَهُمۡ عَذَابٞ شَدِيدٞۖ وَٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ لَهُم مَّغۡفِرَةٞ وَأَجۡرٞ كَبِيرٌ-٧.**

**"Эй мардум, яқинан, ваъдаи Аллоҳ таоло [дар мавриди қиёмат ва азобу савоб] ҳақ аст, пас [ҳушёр бошед, ки лаззатҳои] зиндагии дунё шуморо нафиребад ва шайтон шуморо нисбат ба [таъхир дар азоб ва шикебоии] Аллоҳ таоло нафиребад. Бетардид, шайтон душмани шумост, пас шумо низ ӯро душмани худ гиред. Ҷуз ин нест, ки ӯ пайравонашро [ба куфр] мехонад, то аз аҳли оташ бошанд. Касоне, ки куфр варзидаанд, азобе сахт [дар пеш] ва касоне, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста анҷом додаанд, омурзиш ва подоше бузург [дар итизор] доранд."** (Фотир, 5-7)

*Иршодоти оятҳо:*

1. Таъкиди Аллоҳ бар ҳақиқат ва рост будани ваъдаҳояш, чун яке аз номҳои зебояш ***Ал-Ҳаққ*** мебошад.

2. Хабари илоҳӣ бар ин ки шайтон душмани инсоният аст ва ҳадафаш гумроҳ кардани инсонҳост.

3. Ваъдаи илоҳӣ ба азоби сахт бар инсонҳое, ки қабул ва бовар накарданд ва кофир шуданд.

4. Ваъдаи илоҳӣ бар савобу мағфират ва ҷазои бузург бар инсонҳое, ки бо дилҳояшон қабулу тасдиқ карданд ва бо амалҳояшон имондорияшонро исбот карданд.

**19-ум Нидо:**

۞يَـٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ أَنتُمُ ٱلۡفُقَرَآءُ إِلَى ٱللَّهِۖ وَٱللَّهُ هُوَ ٱلۡغَنِيُّ ٱلۡحَمِيدُ.-١٥.إِن يَشَأۡ يُذۡهِبۡكُمۡ وَيَأۡتِ بِخَلۡقٖ جَدِيدٖ.-١٦.وَمَا ذَٰلِكَ عَلَى ٱللَّهِ بِعَزِيزٖ-١٧..

**"Эй мардум, [ҳамаи] шумо ба Аллоҳ таоло ниёзмандед ва [танҳо] Аллоҳ таолост, ки бениёзи сутуда аст. Ӯ агар бихоҳад, шуморо аз миён мебарад ва офаринише ҷадид [ба ҷойи шумо падид] меоварад. Ва [анҷоми] ин кор барои Аллоҳ таоло душвор нест."** (Фотир, 15-17).

*Иршодоти оятҳо:*

1. Хабари Аллоҳ бар ин ки тамоми инсоният новобаста дар ҳар шароит, дар дунё ва охират муҳтоҷи Аллоҳанд.

2. Рӯй овардан ба Аллоҳ дар тамоми ҳолатҳо, яке аз бузургтарин ибодат аст.

3. Кибру ғурур барои инсоният ҳаром буда ва сабаби асосии ҳалоки инсоният дар рӯи замин мебошад.

4. Хабари илоҳӣ барои инсоният, ки Ӯ таоло барои зинда кардани баъд аз миронидан қудрат дорад.

5. Исботи ду номи зебои Аллоҳ:

- ***Ал-Ғани*** *(бой ва ғание, ки муҳтоҷи касе нест).*

- ***Ал-Ҳамид*** *(таъриф ва саношуда дар тамоми корҳояш).*

**20-ум Нидо:**

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ إِنَّا خَلَقۡنَٰكُم مِّن ذَكَرٖ وَأُنثَىٰ وَجَعَلۡنَٰكُمۡ شُعُوبٗا وَقَبَآئِلَ لِتَعَارَفُوٓاْۚ إِنَّ أَكۡرَمَكُمۡ عِندَ ٱللَّهِ أَتۡقَىٰكُمۡۚ إِنَّ ٱللَّهَ عَلِيمٌ خَبِيرٞ

**"Эй мардум, мо шуморо аз [омезиши] марду зане офаридем ва ба ҷамоатҳо ва қабилаҳои мухталиф тақсим кардем, то якдигарро бишиносед. Бетардид, бузургвортарини шумо назди Аллоҳ таоло парҳезгортарини шумост. Ва Аллоҳ таоло [ба он чи мекунед] доно ва огоҳ аст.** (Ҳуҷурот, 13).

*Иршодоти оят:*

1. Хабари Аллоҳ бар ин ки ҳамаи инсоният аз Одам алайҳиссалом ва аз Ҳаво алайҳассалом офарида шудаанд.

2. Аҳамияти шинохти насабу қабила дар шариат, барои ҳаққи якдигарро шинохтан ва баҷо овардан.

3. Хабари илоҳӣ бар ин ки дар шариат мизони хубиву бадӣ дар инсон тақвову парҳезкорист.

4. Аҳмияти тақводорӣ дар назди Аллоҳи бузург.

5. Исботи ду номи Аллоҳ:

- ***Ал-Алим*** *(бениҳоят доно аз аҳволи инсоният)*

- ***Ал-Хабир*** *(бениҳоят хабардор аз корҳои ошкору пинҳон).*

**21-ум Нидо:**

يَٰبَنِيٓ ءَادَمَ قَدۡ أَنزَلۡنَا عَلَيۡكُمۡ لِبَاسٗا يُوَٰرِي سَوۡءَٰتِكُمۡ وَرِيشٗاۖ وَلِبَاسُ ٱلتَّقۡوَىٰ ذَٰلِكَ خَيۡرٞۚ ذَٰلِكَ مِنۡ ءَايَٰتِ ٱللَّهِ لَعَلَّهُمۡ يَذَّكَّرُونَ

**"Эй фарзандони Одам, ҳамоно бароятон либосе фурӯ фиристодем, ки шармгоҳҳоятонро мепӯшонад ва [мояи] зиннати шумост ва [барои мӯъмин] либоси парҳезгорӣ беҳтар аст. Ин аз нишонаҳои [қудрати] Аллоҳ таолост, бошад, ки [инсонҳо] панд гиранд."** (Аъроф, 26)

*Иршодоти оят:*

1. Либос яке аз неъматҳои илоҳист барои зиннати инсоният ва шукр каданаш воҷиб аст.

2. Аллоҳи бузург миннат мегузорад бар инсоният, ки либосро нозил кардааст.

3. Хабари илоҳӣ бар ин ки ҳадаф аз либосу зиннат ба Ӯ таоло наздик шуданаст.

4. Иршоди илоҳӣ барои инсоният, ки чигунае либосу зиннатро бар худ лозиму ҳатмӣ медонад, тақводориро низ бар худ лозиму ҳатмӣ донад.

**22-юм Нидо:**

يَٰبَنِيٓ ءَادَمَ لَا يَفۡتِنَنَّكُمُ ٱلشَّيۡطَٰنُ كَمَآ أَخۡرَجَ أَبَوَيۡكُم مِّنَ ٱلۡجَنَّةِ يَنزِعُ عَنۡهُمَا لِبَاسَهُمَا لِيُرِيَهُمَا سَوۡءَٰتِهِمَآۚ إِنَّهُۥ يَرَىٰكُمۡ هُوَ وَقَبِيلُهُۥ مِنۡ حَيۡثُ لَا تَرَوۡنَهُمۡۗ إِنَّا جَعَلۡنَا ٱلشَّيَٰطِينَ أَوۡلِيَآءَ لِلَّذِينَ لَا يُؤۡمِنُونَ

**"Эй фарзандони Одам, [огоҳ бошед, ки] шайтон шуморо нафиребад, чунончи падару модаратонро аз биҳишт берун кард**

**ва либосашонро аз танашон [берун] кашид, то шармгоҳашонро ба онон нишон диҳад. Бетардид, ӯ ва гурӯҳаш (ҷинҳо) аз ҷое, ки онҳоро намебинед, шуморо мебинанд. Ба ростӣ, ки Мо шаётинро дӯстони касоне қарор додаем, ки имон намеоваранд."** (Аъроф, 27)

*Иршодоти оят:*

1. Баёни хатари макрҳои шайтон ва ҳаммаслаконаш.

2. Хабари илоҳӣ бар ин ки шайтон ва ҷин баъд аз фавти Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дида намешаванд.

3. Аҳамият додан ва гирифтани асбобе, ки инсонро аз шарри шайтон ва ҷин нигоҳ медоранд, чун душманоне ҳастанд, ки дида намешаванд.

4. Хабари илоҳӣ бар ин ки шайтон ва ҷин дустоне аз инсоният доранд, ки ҳадафи ононро амалӣ мекунанд.

5. Баёни воҷиб будани сатри аврат барои инсоният.

6. Баёни ин ки яке аз ҳадафҳои асосии шайтон ва пайравонаш, бесатр ва беҳаё кардани инсоният аст.

**23-юм Нидо:**

**۞يَٰبَنِيٓ ءَادَمَ خُذُواْ زِينَتَكُمۡ عِندَ كُلِّ مَسۡجِدٖ وَكُلُواْ وَٱشۡرَبُواْ وَلَا تُسۡرِفُوٓاْۚ إِنَّهُۥ لَا يُحِبُّ ٱلۡمُسۡرِفِينَ**

**"Эй фарзандони Одам, ҳангоми рафтан ба масҷид [ва дар ҳар намозе] зинати худро баргиред [ва либоси шоиста бипӯшед] ва [дар зиндагӣ, аз хӯрокҳои покиза] бихӯред ва биошомед, вале исроф накунед, [ки] бетардид Аллоҳ таоло исрофкунандагонро дӯст намедорад."** (Аъроф, 31)

*Иршодоти оят:*

1. Амри Аллоҳ ба зинат додан ҳангоми ба масҷид рафтан ва хоссатан дар ҳоли намоз хондан. Чун Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд: ***"Аллоҳ зебост ва зебогиро дӯст медорад."*** (Саҳеҳ Муслим, 91)

2. Аҳамияти шариат барои тозагӣ ва зебу зинат додан бар инсоният.

3. Амри Аллоҳ бар хӯрдану нӯшидан аз неъматҳои ҳалолу покиза.

4. Манъи Аллоҳ аз исрофкорӣ дар хӯрдану нӯшидан ва пӯшидан. Манъи Аллоҳ ва Расулаш далолат бар ҳаром мекунад.

5. Исботи сифати ***Ал-Муҳаббат*** (дӯстдор) барои Аллоҳ таоло.

**24-ум Нидо:**

يَٰبَنِيٓ ءَادَمَ إِمَّا يَأۡتِيَنَّكُمۡ رُسُلٞ مِّنكُمۡ يَقُصُّونَ عَلَيۡكُمۡ ءَايَٰتِي فَمَنِ ٱتَّقَىٰ وَأَصۡلَحَ فَلَا خَوۡفٌ عَلَيۡهِمۡ وَلَا هُمۡ يَحۡزَنُونَ-٣٥.وَٱلَّذِينَ كَذَّبُواْ بِـَٔايَٰتِنَا وَٱسۡتَكۡبَرُواْ عَنۡهَآ أُوْلَٰٓئِكَ أَصۡحَٰبُ ٱلنَّارِۖ هُمۡ فِيهَا خَٰلِدُونَ.-٣٦

**"Эй фарзандони Одам, агар Паёмбароне аз худи шумо [наздатон] биоянд, ки оёти Маро бароятон бихонанд, [аз онҳо пайравӣ кунед] пас онон, ки парҳезгорӣ намоянд ва [рафторҳои гузаштаро] ислоҳ кунанд, на тарсе хоҳанд дошт ва на андӯҳгин мешаванд. Ва касоне, ки оёти Моро дурӯғ мепиндоранд ва дар баробараш [гарданкашӣ ва] такаббур меварзанд, аҳли дӯзаханд ва ҷовидона дар он хоҳанд монд.** (Аъроф, 35-36)

*Иршодоти оятҳо:*

1. Хабари Аллоҳ ба ин ки Расуле мефиристад, ки шариатро бар бандагонаш комилан баён мекунад.

2. Хабари илоҳӣ бар ин ки касе аз Расулаш итоат кунад дохили ҷаннат мешавад ва касе нофармонӣ кунад, дохили дӯзах мешавад.

3. Тақво ва ислоҳ сабабҳои бо амнияту оромиш зиндагӣ кардан дар дунёву охиратанд.

4. Хабари илоҳӣ бар ин ки кофирон ҷовидона дар дӯзах мемонанд.

5. Кибру ғурур дар баробари ҳақиқат сабабҳои ҳалокат дар дунёву охират мебошанд.

**25-ум Нидо:**

۞أَلَمۡ أَعۡهَدۡ إِلَيۡكُمۡ يَٰبَنِيٓ ءَادَمَ أَن لَّا تَعۡبُدُواْ ٱلشَّيۡطَٰنَۖ إِنَّهُۥ لَكُمۡ عَدُوّٞ مُّبِينٞ-٦٠. وَأَنِ ٱعۡبُدُونِيۚ هَٰذَا صِرَٰطٞ مُّسۡتَقِيمٞ-٦١

**"Эй фарзандони Одам, оё бо шумо паймон набастам [ва фармон надодам], ки шайтонро напарастед, [ки] қатъан ӯ душмани ошкори шумост? Ва ин ки [танҳо] Маро бипарастед, [ки] роҳи рост ҳамин аст?"** (Ёсин, 60-61)

*Иршодоти оятҳо:*

1. Аҳду паймони Аллоҳ бар инсоният, ки бояд инсонҳо аз роҳҳои шайтон ва пайравӣ аз ӯ дурӣ ҷӯянд.

2. Хабари илоҳӣ бар ин ки шайтон душмани ошкори инсоният аст.

3. Воҷиб будани иҷрои аҳду паймонҳо, хоссатан бо Аллоҳ ва Расулаш.

4. Баёни ҳақиқати аҳду паймони Аллоҳ бар инсоният, ки Ӯро якка ва ягона ибодат кардан аст.

5. Баёни роҳи рост дар шариат, ки он ҳам Аллоҳи бузургро яккаву ягона ибодат кардан ва дурӣ ҷустан аз ширку мушрикон ва аз пайравонашон мебошад.

**26-ум Нидо:**

**يَـٰٓأَيُّهَا ٱلۡإِنسَٰنُ مَا غَرَّكَ بِرَبِّكَ ٱلۡكَرِيمِ-٦ ٱلَّذِي خَلَقَكَ فَسَوَّىٰكَ فَعَدَلَكَ-٧ فِيٓ أَيِّ صُورَةٖ مَّا شَآءَ رَكَّبَكَ-٨**

**"Эй инсон, чи чизе туро [нисбат] ба Парвардигори каримат мағрур сохтааст? Он [Парвардигоре], ки туро офарид ва сипас сару сомонат дод ва онгоҳ мутаодил ва муносибат кард. Ва ба ҳар шакле [ва сурате], ки хост, туро халқ кард."** (Инфитор, 6-8).

*Иршодоти оятҳо:*

1. Сарзаниши Аллоҳ ба инсонҳое, ки дар баробари ҳаққи Аллоҳ кибру ғурур мекунанд, дар ҳоле, ки Парвардигор кариму меҳрубон аст.

2. Миннатгузории Аллоҳ бар инсоният, ки онҳоро ҳамчун инсон халқ кардааст, дар ҳоле, ки метавонист онҳоро ҳайвон халқ кунад.

3. Фарз будани шукронаи Аллоҳ бар инсоният, ки онҳоро инсон халқ кардааст.

4. Воҷиб будани шинохти ҳуқуқҳои Аллоҳ бар инсоният, чун холиқи онҳост ва баргашт ба сӯи Ӯст.

5. Исботи 4-номи зебои Аллоҳ:

- ***Ар-Раб*** *(Парвардигори нигаҳбон)*

- ***Ал-Карим*** *(атокунандаи хубиҳо)*

- ***Ал-Холиқ*** *(Офаринандаи беҳамто)*

- ***Ал-Адл*** *(одилу адолатпеша)*

6. Исботи 2-сифоти илоҳӣ:

- ***Ал-Карам*** *(хубу хубрафтор)*

- ***Ал-Машиа*** *(анҷомдиҳандаи ҳар амале, ки бихоҳад)*

**27-ум Нидо:**

**يَـٰٓأَيُّهَا ٱلۡإِنسَٰنُ إِنَّكَ كَادِحٌ إِلَىٰ رَبِّكَ كَدۡحٗا فَمُلَٰقِيهِ**

**"Эй инсон, бегумон, ту дар роҳи [расидан ба] Парвардигорат сахт талошу кӯшиш мекунӣ, пас Ӯро мулоқот хоҳӣ кард."** (Иншиқоқ, 6)

*Иршодоти оят:*

1. Хабари Аллоҳ бар инсоният, ки ҳатман инсон Аллоҳ таолоро мулоқот мекунад.

2. Ишора бар ин ки вақте Парвардигорро мулоқот кардӣ, агар кӯшишу заҳматҳоят хуб бошанд, Ӯро бо фазлу карам мулоқот мекунӣ ва агар бад бошанд, Ӯро бо адл рӯбарӯ мешавӣ.

3. Ташвиқи илоҳӣ бар ин ки бояд аз амалҳои бад иҷтиноб варзид ва амалҳои солеҳро холисона ба хотири Аллоҳ таоло анҷом дод, зеро инсон Аллоҳро ҳатман мулоқот мекунад.

**28-ум Нидо:**

**وَإِذۡ أَخَذَ رَبُّكَ مِنۢ بَنِيٓ ءَادَمَ مِن ظُهُورِهِمۡ ذُرِّيَّتَهُمۡ وَأَشۡهَدَهُمۡ عَلَىٰٓ أَنفُسِهِمۡ أَلَسۡتُ بِرَبِّكُمۡۖ قَالُواْ بَلَىٰ شَهِدۡنَآۚ أَن تَقُولُواْ يَوۡمَ ٱلۡقِيَٰمَةِ إِنَّا كُنَّا عَنۡ هَٰذَا غَٰفِلِينَ-١٧٢.أو تَقُولُوٓاْ إِنَّمَآ أَشۡرَكَ ءَابَآؤُنَا مِن قَبۡلُ وَكُنَّا ذُرِّيَّةٗ مِّنۢ بَعۡدِهِمۡۖ أَفَتُهۡلِكُنَا بِمَا فَعَلَ ٱلۡمُبۡطِلُونَ-١٧٣ .وَكَذَٰلِكَ نُفَصِّلُ ٱلۡأٓيَٰتِ وَلَعَلَّهُمۡ يَرۡجِعُونَ-١٧٤**

**"Ва [ёд кун аз] ҳангоме, ки Парвардигорат аз пушти фарзандони Одам, наслашонро баргирифт ва ононро бар худашон гувоҳ гирифт [ва фармуд]: «Оё ман Парвардигори шумо нестам?» Онон гуфтанд: «Оре, [бар ин ҳақиқат] гувоҳӣ медиҳем». [Аллоҳ таоло фармуд: Аз шумо иқрор гирифтам] То мабодо рӯзи қиёмат бигӯед, ки: «Мо, ҳатман, аз ин [амр] бехабар будем. Ё [мабодо] бигӯед, ки падаронамон пештар ширк оварда буданд ва мо низ фарзандоне пас аз онон будем. Оё моро ба [сазои] ончи [кофирону] ботиландешон анҷом додаанд, ҳалок мекунӣ?» Ва инчунин оётро ба тафсилу ошкор баён мекунем [то онҳоро бифаҳманд] ва бошад, ки [ба тавҳид] бозгарданд."** (Аъроф.172-174).

*Иршодоти оятҳо:*

1. Хабари Аллоҳ бар ин ки инсоният фитратан ба тавҳиди рубубият иқрору тасдиқ кардаанд.

2. Ишораи Аллоҳ бар ин ки падарони ашхосанд, ки ононро ба ширку куфр мебаранд.

3. Меҳрубонии Аллоҳ бар инсоният, ки ба ин шаҳодати онон кифоя накарда, балки бар онон Расуле фиристод то барои инсоният роҳи тавҳиду ҳидоятро баён кунад.

4. Хабари илоҳӣ бар ин ки инсоният бояд аз Қуръону суннат пайравӣ кунанд, на аз падару аҷдод. Чун падарону аҷдодон эҳтимоли хатову фиреб ва дар фитнаву макр афтодани дигаронро доранд.

**29-ум Нидо:**

﴿وَٱتۡلُ عَلَيۡهِمۡ نَبَأَ ٱبۡنَيۡ ءَادَمَ بِٱلۡحَقِّ إِذۡ قَرَّبَا قُرۡبَانٗا فَتُقُبِّلَ مِنۡ أَحَدِهِمَا وَلَمۡ يُتَقَبَّلۡ مِنَ ٱلۡأٓخَرِ قَالَ لَأَقۡتُلَنَّكَۖ قَالَ إِنَّمَا يَتَقَبَّلُ ٱللَّهُ مِنَ ٱلۡمُتَّقِينَ﴾.

**"Ва [эй Паёмбар] достони ду писари Одам [Ҳобил ва Қобил]-ро ба ҳақ бар эшон бихон. Ҳангоме, ки [ҳар кадом] барои тақарруб [ба даргоҳи Аллоҳ таоло] як қурбонӣ тақдим карданд, аз яке пазируфта шуд ва аз дигаре пазируфта нашуд. [Қобил ба Ҳобил] Гуфт: "Ҳатман, туро хоҳам кушт". [Ҳобил] Гуфт: "Аллоҳ таоло [қурбониро] фақат аз парҳезкорон мепазирад.** (Моида, 27)

*Иршодоти оят:*

1. Мақсад аз достони Қобил ва Ҳобил ин аст, ки Аллоҳ танҳо садақотро аз бандагоне қабул мекунад, ки дар он 2-шарт бошад.

***- холисона ба хотири Ӯ таоло анҷом дода шавад.***

***- мувофиқи суннати Расулаш саллаллоҳу алайҳи ва саллам бошад. Зеро дар инҷо манзур аз тақво, ин иҷрои ҳамин ду шарт аст.***

2. Аҳамияти достонҳои қуръонӣ, чун дорои ҳақиқату ҳидоятанд.

3. Хатари ҳасад дар шариат, чун инсониятро ба қатли якдигар мерасонад.

4. Аҳамияти тақводорӣ дар назди Аллоҳи бузург.

5. Парҳезкорӣ дар шариат он аст, ки бояд мувофиқи дастуроти илоҳӣ бошад, дар ғайри ин сурат бидъат, хурофот ва гумроҳӣ номида мешавад.

**30-юм Нидо:**

وَلَقَدۡ كَرَّمۡنَا بَنِيٓ ءَادَمَ وَحَمَلۡنَٰهُمۡ فِي ٱلۡبَرِّ وَٱلۡبَحۡرِ وَرَزَقۡنَٰهُم مِّنَ ٱلطَّيِّبَٰتِ وَفَضَّلۡنَٰهُمۡ عَلَىٰ كَثِيرٖ مِّمَّنۡ خَلَقۡنَا تَفۡضِيلٗا

**"Ва ба ростӣ, Мо фарзандони Одамро гиромӣ доштем ва ононро дар хушкӣ ва дарё [бар васоили сафар] савор кардем ва аз намудҳои [неъматҳои] покиза ба онон рӯзӣ додем ва ононро бар бисёре аз мавҷудоте, ки офаридаем, бартарии бисёр бахшидем."** (Исро, 70)

*Иршодоти оят:*

1. Миннати илоҳӣ бар инсоният, ки ононро ба ақлу заковат, ба ирсоли Расулу китоби карим ва ба ризқи покизаи фаровон икром кардааст.

2. Шукргузории Аллоҳ ба тамоми неъматҳояш, хосатан неъмати ақлу ҳидоят ва Қуръону суннат.

3. Хабари Аллоҳ бар инсоният, ки ононро аз бисёре аз махлуқоташ бартарӣ дода ва икром кардааст.

4. Бо икром ва бартарӣ инсоният дар ҳолест, ки ақлаш ба пайравӣ кардан аз ваҳйи илоҳӣ водораш кунад. ***"Ҳамоно касоне, ки имон оварданд ва корҳои шоиста анҷом доданд, онон беҳтарини офаридагонанд."*** (Баййина, 7) Дар ғайри ин сурат онҳо бадтарини махлуқанд.

5. Хабари илоҳист, ки инсоне пайравӣ Қуръону суннат нест, бадтарини махлуқ ба ҳисоб меравад. ***"Оё касе, ки ҳавои нафсашро маъбуди худ кардааст, дидаӣ? Оё ту [метавонӣ] нигаҳбони [имони] ӯ бошӣ? Оё гумон дорӣ, ки бештарашон мешунаванд ё мефаҳманд? Онон ҷуз ҳаммонанди чаҳорпоён нестанд, балки гумроҳтаранд."*** (Фурқон, 43-44)

**Хулоса**

Баъд аз натиҷагирии мухтасар аз ин китоб, метавон гуфт, ки дар ин китоб мақсадҳои Қуръон ба таври хулоса ҷамъоварӣ шудаанд. Аввалин амр, ки дар шариат бар тавҳид ва яктопарастист, бахши асосии ин китобро дар бар мегирад. Ваҳдонияти Аллоҳро иқрор кардан, аз амркардаҳояш итоат кардан ва аз наҳйкардаҳояш дурӣ ҷустан, ки мояи хушбахтӣ ва мақсади зиндагист, дар ин навиштаи кучак ба таври хулоса ҷамъоварӣ шудаанд.

Инчунин метавон ба чунин хулоса омад, ки ин нидоҳо ва оятҳо боз ҳам тасдиққунандаи онанд, ки Қуръон барои кулли башарият нозил шудааст, новобаста аз миллат, нажод, қавмият, ҷинсият, мақоми иҷтимоӣ, вазъи сиёсӣ ё иқтисодӣ ва ғайра. Зеро амрҳо ва нидоҳои Аллоҳи таоло барои ҳамаи мардум равона карда шудаанд.

Хусусан тадаббур ва андешидан дар каломи илоҳӣ, ки яке аз мақсадҳои нузули Қуръон аст ва мояи панду насиҳат ва бурдборист, дар ҷойҳои зиёде дар Қуръон ба он таъкид шудааст. Зеро тадаббур ва андешидан дар оятҳои қуръонӣ, башариятро, хусусан касонеро, ки дунболи ҳақиқат, хушбахтӣ ва ҷӯёи маънии зиндагиянд, ба мурод мерасонад.

Қуръон китобест, ки асоси ҳамаи илмҳои ҷаҳониро низ поягузорӣ мекунад, зеро новобаста аз оне, ки башарият имрӯз дар кадом сатҳи илмӣ қарор надошта бошад, муҳтоҷ ва ниёзманди роҳнамудҳои қуръонӣ ва панду андарзҳои он аст.

Ҳамаи ин суханҳои зикршуда, дар ин китоби кучак ба таври мухтасар ҷамъоварӣ шудаанд. Инчунин ном ва сифатҳои Аллоҳ ва мақсади нузули Паёмбарони илоҳӣ, яке аз бахшҳои ин китобро дар бар мегиранд.

Ба таври кӯтоҳ ва фишурда аз 30-Нидои Аллоҳ бар инсоният, метавон ба зикри чандин нуқтаҳои муҳим мухтасаран ин китобро хулосабандӣ кард:

1. Амри Аллоҳ бар инсоният ба тадаббуру тафаккур ва панду насиҳат гирифтан аз ин китоби муборак.

**كِتَٰبٌ أَنزَلۡنَٰهُ إِلَيۡكَ مُبَٰرَكٞ لِّيَدَّبَّرُوٓاْ ءَايَٰتِهِۦ وَلِيَتَذَكَّرَ أُوْلُواْ ٱلۡأَلۡبَٰبِ.**

**"[Эй Муҳаммад, ин Қуръон] Китобест пурбаракат, ки бар ту нозил кардаем, то [мардум] дар оёташ биандешанд ва хирадмандон панд гиранд."** (Сод, 29)

2. Аллоҳи бузург сарзаниш мекунад инсониятро, ки чаро аз ин Қуръон панду насиҳат намегиранд.

أَفَلَا يَتَدَبَّرُونَ ٱلۡقُرۡءَانَ أَمۡ عَلَىٰ قُلُوبٍ أَقۡفَالُهَآ.

**"Оё дар Қуръон тадаббур намекунанд ё бар дилҳояшон қуфлҳо [-и ғафлат] ниҳода шудааст?"** (Муҳаммад, 24)

3. Бар олимону донишмандон баён кардан ва таълим доданиончи дар Қуръон бар инсоният амр шудааст, фарз аст.

وَإِذۡ أَخَذَ ٱللَّهُ مِيثَٰقَ ٱلَّذِينَ أُوتُواْ ٱلۡكِتَٰبَ لَتُبَيِّنُنَّهُۥ لِلنَّاسِ وَلَا تَكۡتُمُونَهُۥ..

**"Ва [эй Паёмбар, ёд кун] ҳангоме, ки Аллоҳ таоло аз касоне, ки китоби осмонӣ ба онон дода шуда буд, паймон гирифт, ки: "Ҳатман, [омӯзаҳои ҳидоятбахшӣ] онро барои мардум баён намоед ва [он чиро, ки ба нубуввати Муҳаммад хабар медиҳад] китмонаш накунед..."** (Оли Имрон, 187)

4. Дар ҳақиқат ин китоби муборакест, ки дар он тамоми чиз ва хусусан асосҳои илмӣ ба тарзи куллӣ ва ҷузъӣ зикр шудаанд ва инчунин як баракати хосе дорад барои инсоне, ки ба он аҳамият медиҳад.

وَنَزَّلۡنَا عَلَيۡكَ ٱلۡكِتَٰبَ تِبۡيَٰنٗا لِّكُلِّ شَيۡءٖ وَهُدٗى وَرَحۡمَةٗ وَبُشۡرَىٰ لِلۡمُسۡلِمِينَ.

**"Ва Мо ин китоб [Қуръон]-ро бар ту нозил кардаем, ки равшангари ҳама чиз аст ва барои мусулмонон раҳнамуд ва раҳмату башорат аст."** (Наҳл, 89)

5. Китобест, ки касе ба он чанг занад ва пайравӣ кунад, ҳеҷ вақт на гумроҳ шаваду на бадбахт.

فَإِمَّا يَأۡتِيَنَّكُم مِّنِّي هُدٗى فَمَنِ ٱتَّبَعَ هُدَايَ فَلَا يَضِلُّ وَلَا يَشۡقَىٰ.

**"(Фармуд) Агар аз [ҷониби] ман раҳнамуде бароятон расид, [бидонед] ҳар ки аз ҳидоятам пайравӣ кунад, на гумроҳ мешавад ва на [аз азоби дӯзах] ба ранҷ меафтад."** (Тоҳо, 123)

Ва ҳамчунин фармудааст:

وَهَٰذَا كِتَٰبٌ أَنزَلۡنَٰهُ مُبَارَكٞ فَٱتَّبِعُوهُ وَٱتَّقُواْ لَعَلَّكُمۡ تُرۡحَمُونَ

**"Ва ин [Қуръон] ки нозил кардаем, китоби пурбаракат аст, аз он пайравӣ кунед ва бар он парво (андеша) намоед, бошад, ки мавриди раҳмат қарор гиред."** (Анъом, 155)

Дар охир онеро гуфтаниям, ки Аллоҳи базургам мефармояд:

**وَهُوَ ٱللَّهُ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَۖ لَهُ ٱلۡحَمۡدُ فِي ٱلۡأُولَىٰ وَٱلۡأٓخِرَةِۖ وَلَهُ ٱلۡحُكۡمُ وَإِلَيۡهِ تُرۡجَعُونَ**

**"Ва Ӯ Аллоҳ таолост, ки ҳеҷ маъбуде бар ҳақ ҷуз Ӯ нест. Ситоиш дар дунёву охират барои Ӯст ва ҳукму фармонравоӣ низ аз они Ӯст ва ҳамагӣ ба сӯи Ӯ бозгардонида мешавед."** (Қасас, 70)

Ҳамду ситоиш он Зотеро, ки ба неъматҳояш корҳои хуб итмом меёбанд ва саллаллоҳу ало Муҳаммад ва олиҳи ва саллама таслимо.

**Манбаъҳо**


1. Қуръони карим
2. Қуръон тадаббур ва амал / Ҷамъе аз уламо
3. Тайсир каримур Раҳмон / Абдураҳмон Носир Сиъдӣ
4. Мухтасар фи тафсири Қуръони карим / Ҷамъе аз олимон
5. Тарҷумаи Қуръон ба забони тоҷикӣ / Орифӣ
6. Тафсири Ибни Касир